**«Тасдиқ менамоям»**
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор ________ Миралиѕода А.М.
«___25___» ___04___ соли 2022

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети химия, биология ва географияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»

Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи химия ва методикаи таълими он, Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар мавзуи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи химия ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» анҷом дода шудааст.

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич соли 2006 факултети химия ва биологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»-ро аз рӯйи ихтисоси “химия” бо дипломи аъло хатм намудааст. Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2006 ба ҳайси ассистенти кафедраи химияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намуда, дар ин давра дар вазифаҳои гуногун: солҳои 2012-2013 мудири кафедраи зикршуда, 2014-2017 омӯзгори фанни химияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и шаҳри Кӯлоб, 2017-2019 декани факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор кардааст. Соли 2012 ба ҳайси унвонҷӯи

кафедраи химия ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Мавзуи рисолаи номзадии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич бо унвонии «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» зери роҳбарии **Холназаров Санг,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав». Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 январи соли 2019, протоколи №6, тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи илмии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар ҷаласаи кафедраи химия ва методикаи таълими он аз 20.01.2022 протоколи №6 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи « Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** муайян ва асоснок кардани феҳристи шароити педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён мебошад.

***Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравранд***:

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо самтҳои илмӣ, эҷодӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва психологӣ-педагогӣ нишон дода шуд, ки самарабахшии маърифатӣ дар фаъолият ифодашаванда мебошад. Ҳамчунин сифати шахсияти хонанда, тарзи худифодакунонӣ пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим ба вуҷуд оварда мешаванд.

Рушди фаъолшавӣ дар донишҷӯён, ин рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо доир ба аз худкунонии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳо, ташаккулёбии муносибатҳои мусбиаш

ҷиҳати донишандӯзӣ ва роҳҳои фарогирии онҳо ба шумор меравад. Бинобар ин, ваҷҳҳо, тағйирот дар хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар се самт пешкаш мегарданд: ваҷҳнокӣ, мундариҷавӣ ва иҷрои амалӣ.

Шароити самарабахш намудани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология, ки дар давраи омӯзиши фанҳои химиявӣ муайян шуда буд, аз далелҳои зерин иборат мебошанд:

- қобилияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар идоракунонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон;
- ҷалб намудани донишҷӯён дар ҳамаи давраҳои (марҳилаҳои) таълим ба шаклҳои гуногуни фаъолияти мустақилу фаъолшавӣ;
- дар ҷараёни таълим ба назар гирифтани қобилияти фардии донишҷӯён;
- истифодабарии эҷодии супоришҳо ва вазифаҳои химиявӣ дар раванди таълим.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди паҳлуҳои муҳимми мушкилоти таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот** метавонад дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ, инчунин дар таҳияи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур истифода шавад. Инчунин арзиши назариявӣ- амалии таҳқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Усулҳои таҳқиқот** барои ба даст овардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:

- гузаронидани анкета, қабули тест, мушоҳида, қабули рейтингҳо (фосилаҳо);
- озмоиши педагогӣ, исботҳо, ташкилӣ ва гурӯҳбандӣ;
- омузиши назариявии адабиёти педагогӣ-методӣ ва психологӣ-фалсафӣ;
- хулосабардорӣ аз таҷрибаи педагогӣ;
- усули омории коркарди маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** пеш аз ҳама назарияи дониш ва маърифат ташкил мекунанд; таълим дар бораи

алоқаҳои умумӣ ва таъсири байниҳамдигарии фанҳо ва мавҷудоту ҳодисоти воқеӣ; назарияи психологӣ-педагогии фаъолияти С.Л. Рубинштейн, Л.Н. Леонтев, Н.Ф. Тользина, П.Я. Галперин ва ғайраҳо; таҳқиқоти муосир дар самти ташкили фаъолияти мустақили донишҷӯён Т.И. Шамова, А.В. Усова, П.И. Пидкасистый, Б.П. Есипов ва ғайраҳо; рушд ва ташкили самарабахшии фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯии маърифатӣ Б.И. Коротяев, В.И. Разумовский, В.Г. Рындак, Н.М. Яковлева ва дигарон, кор доир ба рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон А.Ф. Эсаулов, Т.В. Кудрявтсев, Р.А. Низомов, В.Н. Артамонов ва ғайраҳо, назария ва методикаи таҳқиқоти педагогӣ М.Н. Скаткин, В.П. Беспалко, Ю.К. Бабанский ва ғайраҳо таҳқиқоти олимони ватанӣ М. Лутфуллоев, Қ.Б. Қодиров, Ф. Шарифзода, Ҷ. Шарифзода, С. Холназаров ва дигарон.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 17-мақолаи илмии муаллиф нашр шудааст, ки аз ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5-адад мақолаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва 5-адад дастури таълимӣ ба табъ расидааст.

**Арзишмандии корҳои илмии унвонҷӯ, пуррагии баёни маводи диссертатсия дар корҳои аз ҷониби унвонҷӯ банашррасида**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Фаъолгардонии фаъолияти таълимий-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия (заминавӣ) дар асоси ташаккули заминаҳои ахлоқӣ [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2017. – №1/3(47). – С.167-171. – ISSN 2309-6764.

[2-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Ягонагии мафҳумҳои фаъолияти маърифатӣ ва фаъолнокии донишҷӯён дар педагогика [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2017. – №1/4(49). – С.105-109. – ISSN 2309-6764.

[3-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Шартҳои педагогии фаъолнокии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №3/6(49). – С.296-300. – ISSN

2074-1847.

[4-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Меъёр ва сатҳи инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №3/7. – С.205-208. – ISSN 2074-1847.

[5-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Кори мустақилона – омили муҳими фаъолгардонии дониш [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №5. – С.277-280. – ISSN 2074-1847.

[6-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Методҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба санҷишӣ муваффақиятнокии шароитҳои педагогии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №6. – С.256-259. – ISSN 2074-1847.

[7-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Ташаккули мустақилият ва фаъолияти эҷодии хонандагон ва донишҷӯён дар раванди таълими химия [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, М.Д. Уроқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №6. – С.276-283. – ISSN 2074-1847.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[8-М]. *Азимов, Р. Р.* Хусусиятҳои психологию педагогии истифодаи тестҳо ва супоришҳои тестӣ [Матн] / Р.Р. Азимов, С. Холназаров, **Б.Ҷ. Бобоев**, С.П. Расулов, Ҷ.Д. Ёров // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Истиқлолият – асоси рушди энергетикаи кишвар» 22-23-декабри 2017 ш. Бохтар, 2017. – С. 90-94.

[9-М]. *Холназаров, С.* Аҳамияти тестҳо ва супоришҳои тестӣ [Матн] / С. Холназаров, Р.Р. Азимов, **Б.Ҷ. Бобоев**, Ҷ.Д. Ёров // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Истиқлолият – асоси рушди энергетикаи кишвар» 22-23-декабри 2017 ш. Бохтар, 2017. – С. 84-87.

[10-М]. *Уроқов, М. Д.* Технологияи ташкили омӯзиши мустақилона ва рушди маҳорати эъҷодии хонандагон [Матн] / М.Д. Уроқов, **Б.Ҷ. Бобоев** // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (қисми 1). ш. Кӯлоб, 2020. – С. 325-328.

[11-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Об – унсури асосии пайдоиш ва пойдории ҳаёти инсон [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, Насруллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба эълон гардидани даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028. ш. Кӯлоб, 2022. – С. 22-24.

[12-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар

тафаккури техникии насли наврас [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Нақши Абурайҳони Берунӣ дар рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ», бахшида ба пешвози 1050-солагии нобиғаи маъруфи форсу тоҷик ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» 28-30 май 2022 ш. Бохтар, 2022. – С. 171-174.

**г) Дастурҳо ва васоитҳои таълимие, ки ба табъ расидаанд:**

[13-М]. *Холназаров, С.* Истифодаи тестҳо дар таълими химия: Дастури таълимӣ [Матн] / С. Холназаров, П.М. Ятимов, О. Ҳакимов, **Б.Ҷ. Бобоев**, С. Насриддинов, Р. Азимов. – Қӯрғон-Теппа: ҶДММ «Матбаа», 2014. – 126 с.

[14-М]. *Хоҷаев И. И.* Муҳимтарин пайвастагиҳои химияи ғайриорганикӣ [Матн] / И.И. Хоҷаев, **Б.Ҷ. Бобоев**, М.М. Уроқов, С.М. Досаев, Р.С. Ёрмадов, Р.А. Раҳимов. – Кӯлоб, 2020. – 166 с.

[15-М]. *Холиқов, С. С.* Ҳалли масъалаҳо аз химия [Матн] / С.С. Холиқов, **Б.Ҷ. Бобоев**, Ш. Мустафоқулов. – Душанбе: «Матбаа», 2022. – 207 с.

[16-М]. *Бобоев, Б. Ҷ.* Ҳалли машқҳо ва масъалаҳои тестӣ аз фанни химия (Қисми 1) [Матн] / Б.Ҷ. Бобоев, Т. Ҳисайнов, М. Уроқов. – Кӯлоб, 2019. – 136 с.

[17-М]. *Латифов, Г.* Масъалаҳои химиявӣ ва тарзи ҳалли он (қисми 1) [Матн] / Г. Латифов, Р. Турсунова, **Б.Ҷ. Бобоев**. – Душанбе: «Матбаа», 2020. – 111 с.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтиссоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаи илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи химия ва методикаи таълими он, Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (да р мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ)», к и барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат менамояд, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёби мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои баррасӣ ба ҳимоя ба шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25.04. 2022 Протоколи №9 қабул карда шудааст.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи биология ва методикаи таълими он ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Мирзоев С.С.

Муқарризон:

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Досаков М.М.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Бозоров Х.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Уроқов М.Д.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, куч. С. Сафаров 16; Тел. (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kgu.tj

*Имзоҳои Мирзоев С.С., Бозоров Х., Досаков М.М. ва Уроқов М.Д.-ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:* *Амиров Ф.А.*